# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии**
**Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф**
**дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик то кунун зиндагиномаву осори яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX, шоири соҳибдевон Мирзо Ҳайити Саҳбо мавриди омӯзишу баррасии ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, тадқиқи ҷомеи рӯзгору ашъори ӯ, ки аз тарафи унвонҷӯ Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф ба субут расидааст, барои кушодани нуктаҳо ва ҷанбаҳои асосии мероси ин чеҳраи адабӣ нақши муҳим дорад.

Муҳаққиқ дар доираи рисолаи илмии хеш бар он кӯшидааст, ки ҷараёни зиндагӣ ва мағзу моҳияти ашъори Мирзо Ҳайити Саҳборо дар заминаи афкори шахсиятҳои маъруфи замони худи шоир ва мулоҳизаҳои олимону муҳаққиқони муосири тоҷику ӯзбек баррасӣ намуда, тамоми ҷанбаҳои эҷодиёти ин адиб, шуруъ карда аз ибтикороти шоирӣ то камолоти ҳунарии ӯро дақиқназарона биёмӯзад. Маҷмуи баррасиҳову таҳлилҳои рисолаи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулосаҳову натиҷаҳо ва феҳристи китобҳову манобеи истифодашуда ғунҷоиш ёфтаанд.

Муаллиф дар муқаддима тавонистааст, ки зарурату муҳиммияти омӯзиши мавзуъро шарҳ дода, ҳамзамон огоҳмандии худро аз сайри таърихии тадқиқи он рӯнамо созад. Унвонҷӯ дар шинохти масъалаҳои мавриди назари хеш ба сарчашмаҳои адабиву илмӣ такя намуда, бо овардани далели зиёд вусъати иттилооти зери даст доштаи худро нишон медиҳад ва аҳли илмро аз зарурати пажӯҳиши мавзуъ бохабар месозад.

Соҳиби диссертатсия дар боби аввал муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагинома, фаъолияти сиёсиву ҷамъиятӣ, рутбаҳову унвонҳои давлатӣ ва сифатҳои шоёни инсонии Мирзо Ҳайити Саҳборо ёдрас шуда, мақоми ӯро нахуст дар муҳити сиёсӣ ва сипас дар фазои адабӣ муайян менамояд. Барои он ки ахбори муаллиф дар хусуси мавқеи иҷтимоиву маънавии Саҳбо дар қаламрави Аморати Бухоро муайяну мушаххас ва мукаммал бошад, ӯ баробари зикри маълумоти тазкираҳо, китобҳои илмиву қомусҳо, инчунин, аз хотироти набераи шоири мақтул Оиша Мухторова ҳам истифода менамояд ва ба ваҷҳи аҳсан аз ҳастии руҳониву ҷисмонии ин шоири номдор иттилоъ медиҳад.

Масоили вобаста ба сарнавишту интишори эҷодиёти ин суханвар, аз ҷумла, нашри чанде аз ғазалиёти ӯ дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ, маҷаллаи «Садои Шарқ», маҷмуаву ҷашнномаҳо, таҳияву чопи мунтахаби девони Саҳбо бо саъйи адабиётшиносон Ҳасани Муродиён ва Ҳалима Мухторова дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, инчунин, таркиби ашъори ин суханвар дар рисола дақиқу ҳамаҷиҳата сурат гирифтаанд. Ин таҳлилҳо аз баландии арзиши тадқиқот ва дониши унвонҷӯ дарак медиҳанд.

Боби дуюми тадқиқот «Мушаххасоти анвои шеъри Саҳбо» ном дошта, дар се фасл вижагиҳои марбут ба се жанри меҳварии ашъори шоир – ғазал, мухаммас ва қасида баррасӣ гардидаанд. Унвонҷӯ аз рӯйи табиати ҳар як аз ин анвои адабӣ кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои мазмуну мундариҷа ва мавзуи онҳоро тадқиқ намояд ва камолоти ҳунари Саҳборо дар идомаи мактаби шоирони маъруфи тоҷику форс муқаррар созад.

Диссертант Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар боби дуюм, баробар бо равиши таҳлили муқоисавӣ–таърихӣ, равиши тасвирию сохторӣ ва омориро низ ба кор мебарад. Ин матлаб ба он хотир иброз мегардад, ки унвонҷӯ бо корбасти ин равиши тадқиқ харитаи эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳборо комилан пешорӯи аҳли илм ва мухлисони

ашъори ӯ намудор месозад. Ин шеваи пажӯҳиш дар боби сеюм низ ба назар мерасад. Яъне, қабл аз он ки унвонҷӯ ба таҳлили дарунмояи жанрҳо ва зуҳури нишонаҳои истеъдоду маҳорати шоир дар эҷоди ғазал, мухаммас, қасида ва дигар навъҳои адабӣ пардозад, онҳоро аз рӯйи теъдоди абёт, доштану надоштани ҳусни тахаллус, мавзуъ, қонунияти устухонбандӣ ва дигар меъёрҳои сохториву ботинӣ бармешумарад.

Диссертант зимни таъйини ҳунарии шоирии Саҳбо дар эҷоди ғазалу мухаммас ва қасида аз афкори мунаққидону адабпажӯҳон, бахусус, муҳаққиқони назарияпардози хориҷию ватанӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Садриддин Айнӣ, Абдуғанӣ Мирзоев, Раҳими Мусалмониён, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Урватулло Тоиров, Ҳасани Муродиён, Раҷабалӣ Худоёрзода ва донишмандони дигар огоҳона суд ҷустааст. Дар ин замина Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф калимаҳову иборахои шоирона, мазмунсозӣ, лутфу таъсири сухан, пайванди андешаи Саҳборо бо адибони гузаштаву ҳамзамонаш маълум сохта, таъкид месозад, ки бо вуҷуди маҳрумиятҳову ҳиҷратҳо, ҳабсу азоби зиндон, марги духтару писар дар айни камолоти умрашон ва таъқиби пайваста шоир тавонистааст, ки истеъдоди фитрии хешро ба зоҳир оварда, ширкати фаъолонаашро дар муҳити адабии давр нишон диҳад.

Мухаммасоти шоир далолат аз он доранд, ки ӯ ба ғазалҳои бузургтарин суханварон, амсоли Санойии Ғазнавӣ, Саъдии Шерозӣ, Салмони Совачӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Алишери Навоӣ, Осафии Ҳиравӣ, Ваҳшии Бофқӣ, Соиби Табрезӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва шоирони дигар мухаммас баста, аз уҳдаи ба тарзи озоду мустақил гуфтани ин жанри адабӣ низ баромадааст.

Саҳбо ба ғайр аз мавзуоти анъанавӣ, чун ҳамду наът, васфу мадҳ, инчунин, падидаҳои даври худро пайгирӣ карда, дар хусуси Наврӯзгоҳи Ширбадан, васфи вилояти Нурато, васфи чаҳорбоғи Кармина, яхбандии фасли зимистон қасидаҳо навиштааст. Ҳамзамон, ҳаводиси рӯзгорашро дар ҳасбияву марсияҳо ифода намудааст.

Муаллифи рисола дар боби сеюм бо ҷуръати том ба омӯзиши ҷанбаҳои поэтикии назми Мирзо Ҳайити Саҳбо машғул шуда, дар чаҳор фасл масоили вижагиҳои сабкию ҳунарӣ ва вазну хусусиятҳои арӯзии ашъори Саҳборо мавриди омӯзиш қарор дода, доир ба нақши қофияву радиф дар ғазалиёти ин шоир изҳори андеша намудааст. Аз ҷустуҷӯҳои диссертант ва намунаҳои интихобкардаву таҳлилнамудааш аён мешавад, ки назми Саҳбо пайванди устувор ба се сабки маъруфи адабиёт дошта, дар ашъораш нишонаҳои сабкҳои ироқиву ҳиндӣ бештар ба назар мерасанд. Дар рисола иртиботи афкори бадеии шоир ба воқеияти зиндагӣ, урфу таомули халқ ва забони зиндаи мардум агар як ҷанбаи забони баёни ашъораш маънидод шуда бошанд, майл ба калимасозиву ибораороиҳои шоирона далели қудрати эҷодии ӯ арзёбӣ гардидаанд.

Дар боби охирини диссертатсия тадқиқи корбурди санъатҳои бадеӣ дар фасли ҷудогона сурат гирифта, асосан воситаҳои тасвири бадеии ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис, тавсиф, сифатчинӣ, тазод, такрор, муболиға, иҳом, саҷъ ва саноеи дигар ҳамчун як нишонаи ҳунари шоирии Саҳбо муқаррар шудаанд.

Таъйини авзони ашъори Саҳбо ва чандомади онро унвонҷӯ дар фасли алоҳида баррасӣ намуда, барои ҳар як вазн намунаҳо интихоб карда, дар хулосаи фасл ба ин натиҷа расидааст: «...басомади корбурди баҳрҳои арузӣ дар ашъори Саҳбо, хусусан дар се жанр: ғазал, қасида ва мухаммас, ки дар эҷодиёти ӯ мақоми баланду калидӣ доранд, яксон нест. Масалан, агар дар ғазалиёт ва мухаммасоти шоир басомади корбурди баҳри рамал нисбат ба дигар баҳрҳо бештар бошад, дар қасоиди ӯ баҳри музореъ дар мақоми аввал қарор дорад» (саҳ.130).

Фасли охирини рисола тамомиву расоии кори унвонҷӯро бозгӯ месозад ва тасаллути ӯро ба умқи қонунияти устухонбандии ашъори Саҳбо собит месозад. Бо мисоли зиёд ташреҳ намудани пайванди лафзу маъно, ҷойгоҳи қофияву радиф дар такмили сохтору мазмуни шеър, гӯшнавозу муассир гардонидани маънову тасвир, афзудани

шавқи мухотабу хонанда ба ишораҳову такрорҳову таъкидҳои ҷолиб, муайян кардани ибтикороти фардии шоир дар интихобу қофияву радиф ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни поэтикаи мероси адабии ин суханвар моҳияти аслии фасли охирини пажӯҳиш маҳсуб меёбад.

Аз муҳтавои ин бахши рисола аён мегардад, ки унвонҷӯ Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф ба асли андешаҳову ҷустуҷӯҳои эҷодии суханвари мавриди назараш даст ёфта, арзиши мероси адабии Мирзо Ҳайити Саҳборо беш аз дигарон бамаротиб фаҳм карда, як таҳқиқоти мукаммалу фарогирро дар адабиётшиносии муосири тоҷик рӯйи коғаз овардааст.

Баробари муваффақиятҳо дар рисола норасоиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Дар саҳифаи 46-уми рисола чунин омадааст: «Ғазалиёти Саҳбо аз нигоҳи сужет ё якдастии мавзуъ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ғазалҳои дорои мавзуи воҳиду ягона ё сужетдор ва ғазалҳои парокандамавзуъ ё бе сужети ягона». Дар тамоми китобҳои адабиётшиносӣ омадааст, ки асарҳои ғиноӣ, аз ҷумла, ғазал сужет надоранд. Дар осори ғиноӣ ҷузъе аз ҳодисаву воқеот, мотивҳо ва, аксаран, порае аз муколамаҳо меоянд, ки ҳеҷ гоҳ маънии воқеаи яклухту томро ифода намекунанд. Ба таври дигар гӯем, корбасти истилоҳи сужет нисбат ба ғазал ва кулли осори ғиноӣ саҳеҳ нест.

2. Ҳарчанд корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Саҳбо фасли алоҳида мавриди омӯзиш қарор гирифта бошанд ҳам, вале таҳлили онҳо аз рӯйи гурӯҳбандии маъмулии онҳо – лафзиву маънавӣ сурат нагирифтааст. Табиист, ки мутобиқи вижагиҳои умумии гурӯҳӣ тадқиқ кардани равиши корбасти санъатҳои бадеӣ барои ҳамаҷиҳата муайян кардани маҳорати суханварӣ ва истеъдоди маъниофаринӣ шоир суди бештар медод ва ҷиҳати таҳкими робитаи андешаҳои ӯ корсоз меомад.

3. Дар саҳифаҳои 39 ва 62 бинобар дуруст нахондани матн баъди калимаҳо аломати савол (?) гузоштааст. Ислоҳи ин ғалатҳо бо муқоисаи матни девон сурат мегирад.

4. Саҳбо баробари пайравӣ ба мактаби сабки ҳиндӣ шеъри содаву равон зиёд сурудааст. Аз ин рӯ, дар фасли алоҳида тадқиқ кардани мавқеи корбурди забони мардум ва унсурҳои фарҳанги омма дар эҷодиёти ӯ бар суди илми адабиётшиносӣ ва муҳаққиқ хоҳад буд.

Эродҳои мазкур халали ҷиддиеро дар таҳқиқоти анҷомёфта ба вуҷуд намеоваранд ва ба инобат гирифтани онҳо бар салоҳдиди муаллифи диссертатсия мебошад. Итминон дорем, ки таваҷҷуҳи диссертант ба ин нуктаҳо муҷиби афзудани ҳусни корҳои минбаъдаи ӯ хоҳанд гашт.

Бо итминон метавон гуфт, ки рисолаи илмии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX» ба талаботи барои рисолаҳои номзадӣ муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд Мирсаидов Б.Т.

Имзои Мирсаидов Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд Ҳомидова З.М.

Суроға: 735700,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
хиёбони Исмоили Сомонӣ 1
www.asiri.tj; E-mail: somonzod@mail.ru
Тел: 8-3422-6-43-23

5-уми апрели соли 2024